Беҳтарин диноре, ки инсон харҷ мекунад, динорест, ки барои хонаводааш сарф мекунад, динорест, ки барои василаи нақли худ барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ сарф мекунад ва динорест, ки барои дӯстони худ дар роҳи Аллоҳ сарф мекунад

Аз Савбон (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Беҳтарин диноре, ки инсон харҷ мекунад, динорест, ки барои хонаводааш сарф мекунад, динорест, ки барои василаи нақли худ барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ сарф мекунад ва динорест, ки барои дӯстони худ дар роҳи Аллоҳ сарф мекунад." Абуқилоба гуфт: Аз хонавода шуруъ кард, сипас Абуқилоба гуфт: Подоши чи касе бузургтар аз подоши касе аст, ки бар фарзандони кӯчакаш инфоқ кунад ва ин гуна ононро покдоман тарбият кунад. Аллоҳ ба василаи ӯ ононро нафъ бирасонад ва бениёзашон гардонад.

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) навъҳои инфоқро баён карданд ва барои шароите, ки ҳазинаҳои пуршуморе вуҷуд дошта бошад, онро мувофиқи муҳимтар ва воҷибтар мураттаб сохт ва бо тартиб аз муҳимтаринаш оғоз кард. Пас гуфт, ки харҷи пуле, ки савобаш аз ҳама бештар аст, он аст, ки мусалмон ба касе сарф мекунад, ки бояд барояш сарф кунад, монанди зану фарзанд. Сипас бар маркабе, ки барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ омода карда шавад. Сипас инфоқ барои асҳобу ҳамроҳонаш, ки барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ омадаанд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3267